# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Нурматзода Ҳасан дар мавзӯи “Созҳои мусиқии осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхасшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2020.

Дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати омӯзиш ва муарифии фарҳанги миллӣ ва суннатҳои мусиқии мардумии тоҷик яке аз масъалаҳои муҳими илми таърих ба шумор рафта, мавқеи худро дар равандҳои гуногуни пешрафти ҷомеаи имрӯза муайян намудаст. Аз ҷумла, таҳқиқ ва омӯзиши мероси таърихию фарҳангии коллексияҳои созҳои мусиқие, ки ҷузъи таркибӣ ва маъвои муҳимми коллексияҳои осорхонаҳо мебошад, барои баланд бардоштани маърифати мусиқии мардум, завқи зебопарастии ҷомеа, таблиғи таърихи пайдоиш ва рушди санъати мусиқӣ нақши арзанда дорад.

Рисолаи илмии Нурматзода Ҳасан дар мавзӯи “Созҳои мусиқии осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик” ба яке аз масъалаҳои мубрами илмии таърихию фарҳангӣ нигаронида шуда, муҳиммияти он дар самтҳои ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, омӯзиш ва тарғибу ташвиқи созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳо ба зери пажӯҳиш оварда шудаст.

Сохтори ва ҳаҷми рисолаи илмӣ аз 165 саҳифа, муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва ду замима иборат мебошад. Объекти таҳқиқот аз коллексияҳои созҳои мусиқии мардуми тоҷик дар осорхонаҳои ватанӣ фаро гирифта шуда, предмети таҳқиқот ба омӯзиши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик, инчунин оммагардонии онҳо равона карда мешавад.

Навгонии рисолаи илмиро диссертант бори нахуст дар муайян намудани коллексияҳои созҳои мусиқии кулли осорхонаҳои Тоҷикистон ба таври махсус ва ҷомеъ ифода намудааст. Ба замми ин, заминаи муҳими навгонии таҳқиқот дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва асноди осорхонавӣ бори аввал тартиб додани Феҳрасти пурраи созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон таҳия шудааст, ки омили мазкур яке аз муҳтавои зарурии таҳқиқотро муайян месозад.

Боби аввали рисола “Даврахои асосӣ ва хусусиятҳои хоси омӯзиши созҳои мусиқии тоҷик” номигузорӣ шуда, аз ду зерфасл иборат аст. Якум зерфасл – “Асбобҳои мусиқии тоҷик дар коллексияҳои осорхонаҳои Федератсияи Россия ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи мусиқии тоҷик” дар бораи он коллексияҳои созҳои мусиқе, ки дар осорхонаҳои шаҳрҳои марказиии Россия маҳфуз аст, маълумоти муфассал медиҳад. Муаллифи рисола дар хусуси аҳамияти мутахассисони рус дар ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ ва таҳқиқ пайгирӣ намуда, қайд менамояд, ки дар ташаккули ҷамъоварӣ ва омӯзиши созҳои мусиқии халқи тоҷик хизматҳои донишмандони рус ва дигар шахсиятҳои маърифатпарвар арзиши хело бузург дорад. Хусусан корҳои беназири муҳаққиқони рус А.Э.Эйхгорн, И.И.Зарубин ва кишваршиноси тоҷик Акрамполвон Аскаров ҳамчун пешоҳангони ин раванд махсус қайд шудааст.

Зерфасли дуюми боби аввал – “Омӯзиши коллексияҳои созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” доир ба таърихи омӯзиши созҳои мусиқии осорхонаҳои кишварамон маълумот медиҳад. Дар он муаллиф сахми арзишманди пажӯҳишгарони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили Н.Ҳ. Нурҷонов, Ф.М. Кароматов, А. Вертков, Н.Ғ. Ҳакимов, А. Низомӣ, Х. Музаммадамонов, Х. Низомов, Ҳ. Таваккалов, З.Г. Нуров, Ф. Шарифзода ва дигаронро махсус қайд намуда, натиҷаи таҳқиқотҳои онҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Мазмуни боби дуюми рисолае, ки “Аҳамияти сарчашмавии созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон дар омӯзиши ҳаёти мусиқии халқи тоҷик” ном гирифтааст, низ дар ду зерфасл ифшо мегардад. Зерфасли аввал “Фаъолияти осорхонаҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар коллексиякунонӣ, ҳифз ва оммавигардонии асбобҳои мусиқии халқи тоҷик” ба масъалаҳои омӯзиши созҳои мусиқӣ, мавод ва сарчашмаҳои бойгонии осорхонаҳо таълиф шудааст. Дар он диссертант қайд менамояд, ки қисми зиёди маводи рисолаи илмиро осорхонаҳои шаҳри Душанбе ташкил медиҳад. Дар байни онҳо мавқеи Осорхонаи миллии Тоҷикистон алоҳида таъкид карда мешавад. Ба хусус назаррасии моҳияти ин муассисаи маърифатию фарҳангӣ дар таблиғи фарҳанги мусиқии бостонии тоҷик махсус қайд мешавад.

Боиси таъкид аст, ки мазмун ва мундариҷаи боби дуюм дар рисолаи илмӣ аз ҷиҳати сарчашмаҳои асосии таҳқиқот ҷои махсусеро муайян месозад. Зеро дар мадди назари он вазъи имрӯзаи кулли осорхонаҳои созҳои мусиқӣ пурра дарҷ гардида, дараҷаи нигаҳдорӣ ва ҳуҷҷатгузории онҳо пурра ба зери омӯзиши махсус гирифта шудааст. Ин омил барои беҳтар намудани тартиб ва

сифати кори осорхонаҳо, инчунин фаъолияти коргузории онҳо накши муҳим ҳоҳад бозид.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертант Нурматзода Ҳасан оид ба созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши илмии арзанда дар ҷодаи пажӯҳиш ва таҳқиқи амиқи решаҳои таърихии фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик ба шумор рафта, дар ин самт кӯшиш ва ғайрати муаллиф барои муаррифӣ намудани яке аз саҳифаҳои тозаи фарҳанги миллӣ ва мероси мусиқии мардуми тоҷик назаррас аст.

Кори илмии Нурматзода Ҳ. дар чаҳорчӯбаи талаботҳои рисолаи илмӣ таълиф шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ҷавобгӯ мебошад.

Номзади илми санъатшиносӣ, профессори
МТД "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров" Худойбердиев С.

31.01.2020.
Имзоро тасдиқ мекунам:
Сардори бахши кадрҳо ва
Коргузории МТД "Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б.Ғафуров" Ашрапова З.